## ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Қобилов Аҳмад Абдуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» (исму сифат)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2024. – 174 с.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**. Калимасозӣ яке аз роҳҳои пурғановат шудани таркиби луғавии забони адабии тоҷикӣ маҳсуб шуда, дар ҳама даврони инкишофи он аз ҷумлаи роҳҳои сермаҳсул ба шумор рафта, дорои таърихи дуру дароз мебошад. Бо забони тоҷикӣ дар ҳазорсолаи охир ёдгориҳои зиёди адабӣ, таърихӣ ва бадеӣ аз ҷониби донишмандону адибон таълиф гардида, вожаҳои зиёде дар қолиби калимасозии таърихӣ шакл гирифтаанд, вале то кунун роҳҳҳои шаклгирии онҳо дар забоншшиносӣ мавриди пажуҳиш қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи вижагиҳои калимаҳои сохтаи асари таърихии «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» дар пояи ҳиссаҳои нутқи исму сифат аз ҷониби унвонҷӯ Қобилов Аҳмад Абдуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» (исму сифат)» айни муддао буда, муҳақққиқ дар натиҷаи таҳлилу баррасии вижагиҳои калимаҳои сохта мақому ҷойгоҳи вандҳои забони тоҷикиро дар гузаштаи дур муайян карда, омилҳои минбаъд фаъолона дар калимасозӣ ширкат варзидани гурӯҳе аз онҳо ё ғайрифаъол гардидани қисми дигар, ё ки куллан фаромӯш гардидани ҳиссаи сеюми онҳоро дар ташаккули калимаҳои сохта муқаррар кардааст. Воқеъан, дар асари таҳқиқи мавриди гуфтугӯ чун дигар осори таърихӣ вожаҳои сохтаи марбути исму сифат бо ёрии вандҳои тоҷикӣ ҷойгоҳи хоссаро ишғол карда, калимаҳои зиёдеро муаллифи он бо пасванду пешвандҳои тоҷикӣ сохтааст, ки он вожаҳо барои пурғановат гардидани ҳам таркиби луғавии асар ва ҳам забони тоҷикӣ мусоидат хоҳанд кард.

Диссеертатсияи аз тарафи унвонҷӯ Қобилов Аҳмад Абдуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» (исму сифат)» омодашуда дар самти забоншиносӣ, хосатан дар бахши калимасозии он ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01– Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат мекунад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия**. Унвонҷӯ Қобилов Аҳмад Абдуллоев мавзуеро мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки ба бахши калима-созии забоншиноси тоҷик рабт дошта, актуалӣ ва нав маҳсуб мешавад.

Баррасии вижагиҳои калимоти сохтаи асар бо ёрии пешванду пасвандҳо, дастабандию таҳлил ва таҳқиқи илмии онҳо яке аз масоили мубрамро касб кардааст. Ин мубрамӣ боис шуда, ки бо истифода аз осори назарии соҳаи калимасозӣ ва маводди фаровони асари мазкур ба таҳқиқи вижагиҳои калимаҳои сохта ва роҳҳои шаклгириву инкишофи онҳо дар шакли рисолаи илмӣ аз тарафи унвонҷӯ Қобилов Аҳмад Абдуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» (исму сифат)» омода гардад, ки мубрам мебошад.

Дар бобати калимасозӣ дар забоншиносии тоҷик як силсила асару мақолаҳо ба нашр расидааст, ки ҳамаи асару мақолаҳои марбут ба калимасозӣ аз нигоҳи мазмуну муҳтаво ягона набуда, як қатор асару мақолаҳо масъалаи калимаҳои сохтаи шоиру адибони муосир (Д. Т. Тоҷиев, Ш. Рустамов, М. Н. Қосимова, Т. Шокиров, Э. Шоев) ва дастаи дигар масъалаи калимаҳои сохтаи шоиру адибони адабиёти классикиро (М. Н. Қосимова, С. Ҳалимов, А. Давронов, Ш. Кабиров, О. Қосимов, М. Ҳ. Султон, А. Байзоев, М. Олимҷонов) фарогир мебошанд. Дар таълифоти ин донишмандон вижагиҳои хоссаи калимаҳои сохтаи осори манзуму мансури адабиёти мумтозамон мавриди баррасӣ қарор гирифта, чанд ҷиҳату вазифаҳои вандҳои калимасозу шаклсоз ҳам дар таърихи забон ва ҳам дар забони муосири тоҷик нишон дода мешавад. Манзури муҳаққиқону донишмандон намудану ба ҳимоя пешниҳод гардидани диссертатсияи номзадии Қобилов Аҳмад Абдуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» (исму сифат)» андешаҳои фавқро собит менамояд.

**Дараҷаи навоварии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навоварии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки бори нахуст вижагиҳои корбурди исму сифатҳои сохта дар заминаи маводи яке аз осори тарҷумавии судманди садаи X, яъне «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» дар забоншиносии тоҷик таҳқиқ мегардад. Дар ҷараёни баррасӣ муайян карда шудааст, ки агарчи қолибҳои сохташавии исму сифатҳо дар таърихи забони адабии тоҷикӣ таърихи беш аз ҳазорсола дошта бошанд ҳам, вале тамоми сарватҳои луғавии тавассути чунин усули калимасозӣ вуҷуддошта, аз рӯйи дар ҳар давру замон фаъолу нофаъол буданашон, доираи маънояшон ва аз нигоҳи ба хонандаи ҳар замон мафҳум буданашон ягона нестанд: гурӯҳе аз онҳо ҳамеша чун унсури фаъоли луғавӣ дар забони аҳли илму адаб ба кор рафтаанд, ҳиссае аз ҷиҳати доираи маъноии худ аз дигар унсурҳои луғавӣ фарқ доранд, қисми сеюмашон бо

нодир буданашон мақому таърихи мавқеи хосса доранд. Ҳатто бархе аз ин гуна калимаҳоро метавон фақат хоси услуби «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» ба шумор овард.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳаммияти назарии мавзуи диссертатсияи номзадии Қобилов Аҳмад Абдуллоевич дар он зоҳир мешавад, ки то кунун оид ба ин мавзуъ дар забоншиносӣ ягон кори илмӣ ба анҷом нарасида, дар диссертатсияи мазкур умдатарин масоили назарии марбут ба вожа, роҳҳои иқтибосшавӣ, ҷанбаҳои маъноӣ ва калимасозӣ баррасӣ гардиданд ва дахл кардан ба ҷанбаҳои назарии калимаҳои сохта аҳаммияти назарии таҳқиқро мустаҳкам намуда, маталиби назарии дар диссертатсия баррасигардида барои таҳқиқи минбаъдаи марбут ба назарияи калимасозии забони тоҷикӣ чун манбаи назарӣ мусоидат мекунад.

Аҳаммияти назарии таҳқиқ ҳамчунон дар он зоҳир мешавад, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои ҳамгун дар таърихи забоншиносии тоҷик ва вижагиҳои тасвирии он ба мутахассисон, унвонҷӯён, донишҷӯён ва дигар алоқамандони забони тоҷикӣ ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он аст, ки натиҷаи ба даст омада ва дастовардаҳоро дар таҳияи китобҳои дарсию дастурҳои таълимии забоншиносӣ ва луғатҳои шевагӣ, баргузории курс ва семинари назарию амалӣ аз забоншиносии таърихӣ ва тасвирӣ истифода кардан мумкин аст. Дар ин асос, мавзуи диссертатсияи номзадии довталаби дараҷаи илмиро метавон мубрам арзёбӣ намуд.

**Қисмати асосии таҳқиқ.** Диссертатсияи Қобилов Аҳмад Абдуллоев дар мавзуи «Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» (исму сифат)» аз муқаддима, 3 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба

истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, вобаста ба фарогирии мавзуъ дар навбати худ ҳар боб ба фаслҳо ҷудо карда шудааст. Дар ҳар кадоме аз бахшҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навоварии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, ки воқеан, дар илми забоншиносии тоҷик ва дар самти шинохту таҳқиқи вожагони марбут ба вижагиҳои калимаҳои сохта дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

Боби якуми диссертатсия «Хусусиятҳои вандҳои исмсоз» ном дошта, фарогири 2 фаслу чор зерфасл ва ҳар зерфаслу15 шоха аст ва дар фаслҳои боб доир ба хусусиятҳои ташаккули исмҳои сохта бо пешванди *ҳам-*, нақши пасвандҳо дар ташаккули исмҳои сохта, пасвандҳои сохта, пасвандҳои исми маконсоз *(-истон, -гоҳ, -зор, -када)*, пасвандҳои исми шахссоз *(-гар, -бон, -ор, -гор, -вар)*, пасвандҳои исми маъnisоз *(-ӣ, -иш, -ур, -ванд//-ованд)* ва пасвандҳои созандаи номи чиз, ашё *(-а, -ук)* мулоҳизаронӣ шуда, муҳтавои таҳқиқоти илмии олимони ватанию хориҷӣ, ки барои таҳқиқи вижагиҳои калимасозӣ ва роҳҳои ифодаёбии онҳо ва амсоли инҳо дар боби мазкур мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Ин боб бо фаслу зерфаслҳояш аз нигоҳи ҳаҷм ва баррасии мавзуъ боби асосӣ маҳсуб мешавад ва маводи зиёди забониро дар бар гирифтааст. Таҳлилҳо дар боби мазкур аз чанд ҷиҳат ҷолиб буда, дар онҳо пайҳам овардани афкору андешаи унвонҷӯ ва муҳаққиқони соҳа эҳсос мегардад ва мубоҳисаи шахсии унвонҷӯ низ дарк мегардад, ки ҷолиби диққат аст.

Боби дуюми диссертатсия «Хусусиятҳои вандҳои исмсоз» ном дошта, фарогири 2 фаслу чандин зерфаслу чандин шохаҳо буда, дар

фаслҳои боб доир ба хусусиятҳои нақши пешвандҳо дар ташаккули сифатҳои сохта (бо- // ба-, бар-, бе-, но-), нақши пасвандҳо дар бунёди сифатҳои сохта, аз ҷумла пасвандҳои сифатҳои аслисоз (-манд, -нок, -вор, -ича//-иза), пасвандҳои сифатҳои нисбисоз (-ӣ, -гун, -ин/-гин, -вор, -ина, -сор) баёни андеша сурат гирифта, мисолҳои фаровон аз асари мавриди таҳқиқ қароргирифта, оварда мешавад. Инчунин, таҳқиқоти илмии донишмандони ватанию хориҷӣ, ки барои таҳқиқи вижагиҳои калимасозӣ ва роҳҳои ифодаёбии онҳо ва амсоли инҳо дар боби мазкур мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд, ки арзиши илмии рисоларо баланд мебардорад.

Боби сеюми диссертатсия «Вижагиҳои хоссаи забони «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» дар корбурди исму сифатҳои сохта» номгузорӣ шуда, фарогири 3 фаслу 6 зерфасл мебошад. Дар боби мазкур калимаҳои сохтаи мувозиҳои исму сифатҳои сохта, мувозиҳои исмҳои сохта, доираи маънoии исму сифатҳои сохта, исмҳои сермаъно, исму сифатҳои сохтаи нодир (аз ҷумла исмҳои сохтаи нодир ва сифатҳои сохтаи нодир) дастабандӣ гардида, бо овардани мисолҳои мушаххас дар ин бобат таҳлили сохторӣ сурат гирифтааст. Дар ҳар фаслу зерфасл калимаҳои зиёди сохтаи марбути исму сифат оварда мешавад, ки ин далолат бар он мекунад, ки дар асари мавриди таҳқиқ қарор гирифта, калимаҳои сохтаи марбути исму сифат мавҷуданд ва онҳо аз нигоҳи муҳтаво бештар сермаъно ва нодир мебошанд ва дар пурғановат шудани таркиби луғавии забониасар мусоидат кардаанд.

Хулосаи диссертатсияи Қобилов Аҳмад Абдуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» (исму сифат)» фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 20 сархат фароҳам омадаанд. Инчунин дар бахши тавсияҳо, ки аз 4 банд иборат аст, муҳиммияти мавзуъ ва корбурди натиҷаҳои онҳо дар раванди таълиму таҳқиқ оварда шудааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 11 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд. Теъдоди маводи чопшудаи диссертант ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Қобилов Аҳмад Абдуллоевич ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Эродҳо ба диссерртатсия.** Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқиқии минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Рисола бо номи «Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» (исму сифат)» мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ки ба назари мо, дар ҳамин унвон нарасидани вожагони «таҳқиқ» ё таҳлил» эҳсос гардида, калимаҳои исму сифат низ бояд берун аз қавсайн ифода гардида, дар шакли «Таҳқиқи хусусиятҳои калимаҳои сохтаи исму сифат дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ»», боби якум «Таҳлили хусусиятҳои вандҳои исмсоз» ва боби дуюм «Таҳлили хусусиятҳои вандҳои сифатсоз» ифода меёфтанд, боз шаҳомату шукӯҳи диссертатсия афзун гардида, ҷанбаи илмии он дучанд мегардид.

2. Ба назари мо, дар унвони бобҳои диссертатсия номи асарро дар шакли ихтисора овардан на он қадар ҷоиз аст. Номгӯйи боби сеюм бояд на дар чунин шакл «Вижагиҳои хоссаи забони ТТФТ дар корбурди исму сифатҳои сохта», балки дар шакли «Вижагиҳои хоссаи забони «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» бояд навишта мешуд.

3. Дар бахши хулоса натиҷагириҳо аз таҳқиқи мавзуи матраҳшаванда рақамгузорӣ шуда бошад ҳам, вале дар баъзеашон рақами мақолаи фарогири он натиҷа зикр нагардидааст. Хуб мешуд, дар ин бандҳо рақами номгӯйи мақолаҳои илмӣ гузошта мешуд ва дар он ҳолат мувофиқи муқаррарот мегардид.

4. Дар бобҳои рисола ифодаҳои матолиби муқаддимотӣ ва дар охири он хулосаи бобҳо дар шакли хулосаи боби якум, хулосаи боби дувум ва хулосаи боби сеюм оварда мешуд, ба муқаррароти таълифи рисолаҳои илмӣ бештар мутобақат мекард.

5.Феҳристи адабиёт ба панҷ банд дастабандӣ гардида, фарогири 153 номгӯйи адабиёти зарурӣ аст, вале дар ин феҳраст баъзе номгӯйи адабиёти илмии ба мавзуъ рабтдошта сарфи назар шудааст. Аз ин рӯ, он такмил мехоҳад.

6. Дар диссертатсия ғалатҳои имлоӣ (с. 17, 27), техникӣ ва ҷо-ҷо услубӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳоро зарур мешуморем.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Қобилов Аҳмад Абдуллоевич ҳусни аз ин ҳам бештар зам менамоянд.

**Қисмати хотимаавии тақриз**. Диссертатсия бо равиши илмӣ таълиф шуда, пайдарпайии қисматҳои он риоя гардидаанд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифта, кори анҷомёфтаи диссертатсионӣ ба ҳисоб меравад.

Мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01. – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Қобилов Аҳмад Абдуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» (исму сифат)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.–Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Тақризи мазкур бо дарназардошти талаботи бандҳои 71 ва 72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**МУҚАРРИЗИ РАСМӢ:**

**доктори илмҳои филологӣ, профессори**
**кафедраи таърихи забон ва типологияи**
**факултети филологияи**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Ҳомидов Д. Р.**

*«Имзои доктори илмҳои филологӣ*
*Д.Р. Ҳомидовро тасдиқ мекунам».*

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э. Ш.**

«06» феврали соли 2024.

**Суроға:** 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Дилкушо,  бинои 28/1.
**Тамос:** Тел.: (+992) 907-79-82-65; 221- 62 - 25
**E-mail:** homidov65@mail.ru
**Сомона:** ww.tnu.tj